ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуқи дастнавис

РДУ [338.43; 330.342.22] (575.2) (043.3)

САИДОВ МИРЗОХУҶА САЪДУЛЛОЕВИЧ

# САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ШАКЛҲОИ ХОҶАГИДОРИИ БОЗОРӢ (дар маводи хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Ихтисос 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Душанбе – 2021

Диссертатсия дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шарифов Зариф Раҳмонович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**Муқарризони расмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодӣ ва
иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи Россия
ва Тоҷикистон (Славянӣ)

**Абдулла-заде Дилором Хуршедовна,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири
кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва
аудити Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии Кулоб**
**ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Ҳимояи кори диссертатсионӣ рӯзи _____ __________ соли 2021, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии **6D.КОА–014** назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, E-mail: mtti2009@mail.ru) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур **(www.tajagoun.tj)** шинос шудан мумкин аст.

Автореферат __ ______ соли 2021 фиристода шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Исломов Ғ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Ташаккули истеҳсолоти гуногуншакли кишоварзӣ дар асоси қоидаҳои бозории хоҷагидорӣ ва шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии моликият ташкили истеҳсолотеро дар корхонаҳои кишоварзӣ дар назар дорад, ки корхонаҳо худ ташкил ва васеъ кардани фаъолияти худро дар шароити муносибатҳои нави бозорӣ ба роҳ монанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан мамлакати аграрист, соҳаи кишоварзӣ дар иқтисоди миллӣ яке аз соҳаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Ин соҳа дар таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар - ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, вусъат додани шуғли пурмаҳсул нақши калидӣ мебозад, ки ин дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» муайян гардидааст. Афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, суръати бомароми рушди истеҳсолоти кишоварзиро талаб мекунад, зеро он ба пастшавии таъминоти сарикасии маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мерасонад. Азхудкунии заминҳои нав, ташкили коркарди маҳсулот дар ин соҳа имкон медиҳад, ки ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ ташкил ёбанд ва сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ аз 22% зиёд гардад, чи хеле, ки аз «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бармеояд.

Фаъолияти самараноки шаклҳои хоҷагидории бозории ин соҳа дар амалисозии ҳадафҳои муайянгардидаи «Стратегияи миллии рушд барои давраи солҳои 2015» назаррас натиҷабардорӣ карда шуд. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушд (21.06.2016 с.) қайд карданд, ки ҳифзи амнияти озуқаворӣ бамаротиб беҳ шуд. Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ боз ҳам бештар заҳмат кашидан зарур аст ва он монеаҳое, ки дар рушди устувор халал ворид месозанд, бартараф карда шаванд. Тайи солҳои охир низ ҳастанд монеаҳое, ки амалисозии барномаҳои ислоҳоти соҳаро қафо мекашанд. Ин боиси қафомонии бардавоми истеҳсолот гардида, ба вазъи иқтисодии соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ нақши калидиро ташкили босамари истеҳсолот ва соҳибкорӣ мебозад. Он имкон медиҳад, ки захираҳои замин, моддию техникӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ бо мақсади ба даст овардани миқдори зиёдтарини маҳсулот бо хароҷоти камтарин ва даромади баландтарин босамар истифода бурда шавад.

Низоми мавҷудаи тақсими захираҳо ва мол дар ҷумҳурӣ, ки аз сустии соҳаи коркард ва мавҷудияти звенои калони миёнравӣ ба амал омадааст, боиси пайдо гаштани арзиши изофа гардида, монеаҳо дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ эҷод мекунанд. Дар баробари ин ҳаллу фасли дигар мушкилотҳо вобаста ба хароҷоти нақлиёт, истифодаи иқтидорҳои инноватсиониву инфрасохтории шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ҷо ба ҷо гузории масъалаҳои иҷтимоии деҳот механизми ҳалли бомароми худро тақозо менамоянд. Ин далели он аст, ки сабабҳои амиқи тағйири самаранокии иқтисодӣ дар номувофиқатии бамиёномада ва муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ дар фаъолияти шаклҳои хоҷагидории бозорӣ мебошанд, ки ҳарчи зуд

пурзӯр намудани ҳавасмандии меҳнатро талаб менамоянд. Зарурати муносибгардонии фаъолияти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ аз рӯйи самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ дар самти васеънамоии ҳиссаи шаклҳои ояндадори хоҷагидории кишоварзӣ ба миён омадааст. Ин бошад, рушди гуногунии шаклиҳои моликият, махсусан, шаклҳоеро, ки истеҳсолкунандаро ба соҳибмулки ҳақиқии маҳсулоти рӯёнидааш табдил медиҳад, пешбинӣ мекунад. Вобаста ба ин ислоҳоти кишоварзӣ бояд дар самтҳои таъминкунандаи маҳз чунин муносибатҳои истеҳсолие гузаронида шавад, ки рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидориро таъмин созад.

Ҳангоми гузарондани чунин тағйирот бояд қонуни бозорӣ дар самтҳои таҳияи технологияҳои нав, фаъолгардонии иқтидорҳои корхонаҳои кишоварзии комплекси агросаноатӣ (КАС) ҳамчун субъекти соҳаи маҳсули таъмини марказҳои вилоятӣ ва минтақавии саноатӣ ба назари эътибор гирифта шаванд. Андешаҳои баёншуда аз муҳиммият ва сари вақтӣ будани мавзӯи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳад.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ .** Гуногунпаҳлӯии мушкилот мураккабии таҳияи муназзами онро нишон медиҳад. Таваҷҷуҳ ба масъалаи омӯзиши самаранокии истеҳсолот дар даврони гузариш ба шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ба муносибатҳои бозорӣ мувофиқ шудаанд, бештар гаштааст.

Дар замонҳои гуногун ба масъалаҳои назариявии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ходимон ва донишмандони иқтисодшиноси ҷаҳон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар байни онҳо бисёр иқтисодшиносони соҳаи аграриро номбар кардан мумкин аст, чун: Абалкин Л.И., Алтухов А.И., Баев В.Р., Баутин В. М., Буздалов И.Н., Добринин В.А., Зинченко А.П., Куртсева И.В., Новожилов В.В., Оболенский К.П., Ушачев И.Г., Чаянов А.В. ва дигарон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар асарҳои бисёр олимони иқтисодшиноси соҳаи аграрӣ масъалаҳои алоҳидаи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ақида ва андешаҳои олимони ватанӣ: Мадаминов А.А.оид ба хадамоти маркетингӣ дар ҷумҳурӣ; Пириев Ҷ.С. оид ба консепсияи дарозмуҳлати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ; Шарифов З. Р. оид ба модели рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, Носиров Р. оид ба нишондиҳандаҳои муайянкунии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ; Барфиев Қ.Х. оид ба рақобатпазирӣ дар кишоварзӣ; Шарофов У. Ш. оид ба иқтисодиёти бисёруклада ва Шукуров И. оид ба шакли хоҷагидории иҷоравӣ мавриди баррасӣ ва истифода қарор дода шуданд.

Баҳснокии мушкилоти мазкур ва таҳияи нокифояи равишҳои контсептуалии усули таҳқиқи методикаи муайянкунии самаранокии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ҳамчунин аҳамияти амалии самаранокии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароити бозорӣ, муайянкунии нишондиҳандаҳои фаъолияти кишоварзӣ дар фаъолияти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, таҳияи механизмҳои мутобиқгардонии (адаптатсияи) шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба шароити нави иқтисодӣ, муайянкунии модели хоҷагидо-

риҳои кишоварзӣ дар шароити бозорӣ интихоби мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян кардаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Ҳамчун асосҳои назариявӣ ва усулии таҳқиқот корҳои илмии классикони илми иқтисод, таҳқиқот ва пешниҳодҳои олимон-иқтисодшиносони соҳаи аграрии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мушкилоти муҳими рушди кишоварзӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию маълумотӣ ва маводи методӣ хизмат кардаанд.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Ҳадафи таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши асосҳои назариявӣ ва усулии самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳангоми фаъолияти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, таҳияи асосҳои контсептуалии стратегия ва тактикаи ташаккули шаклҳои нисбатан самараноки хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои кишоварзии ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Равандҳои иқтисодии дар кишоварзӣ баамалоянда, ки ба ҳалли мушкилоти ташаккули шаклҳои хоҷагидории бозорӣ бо дар назардошти шароити минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили расидан ба рушди устувори сектори аграрӣ мебошанд, предмети таҳқиқот қарор дода шудааст.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Тибқи мақсадҳои гузошташуда вазифаҳои зерини асосӣ муайян ва баррасӣ карда шудаанд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар давраҳои ислоҳоти кишоварзӣ бо дар назардошти шароити воқеъии иқтисодиёти ҷумҳурӣ;
- омӯзиши шароити пойгоҳӣ ва заминаҳои воқеъии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, асосноккунонии ташаккулёбии онҳо бо назардошти хусусиятҳои ҷумҳурӣ;
- баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ;
- таҳияи модели ояндадори шаклҳои хоҷагидорӣ, бо назардошти баинобатгирии оқилонаи таркиб ва сохтори истеҳсолот, ки таъминкунандаи самаранокии иқтисодӣ бошад;
- такмил додани хадамоти маркетингие, ки хусусиятҳои шаклҳои гуногуни хоҷагидориро ба назар гирифта, рушди устувори сектори аграрии ҷумҳуриро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин созад.
- омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзӣ.

**Усулҳои таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавриди усулӣ ба таҷрибаи таърихии рушд ва ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Вобаста ба вазифаҳои ҳалшавандаи хоси масъалаҳои омӯхташаванда методҳои диалектикӣ, таҳлилӣ, графикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, моделикунондани иқтисодию математикӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, ҳисобию конструктивӣ, таҳлили муқоисавӣ ва далелӣ ва таҷрибавӣ дар таҳқиқот истифода бурда шуданд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Дар диссертатсия ба банди 1.2.2. Асосҳои илмии ташкил ва амалкарди муассисаҳои МАС, 1.2.6. Захираҳои заминии ташкилоти (муассисаҳои) МАС ва истифодаи самараноки онҳо, 1.2.13. Методологияи арзёбии самараноки амалкарди ташкилот (муассисаҳо), 1.2.14. Банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти ташкилоти (муассисаҳои) МАС-и шиносномаи ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат мекунад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Дар вақти иҷрои таҳқиқоти илмӣ марҳилаҳои рушди иқтисоди миллӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ: барқарорсозӣ, рушд ва рушди устувор ба инобат гирифта шуда, солҳои 1991; 2001; 2011 ва 2016; 2017- ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот** аз консепсия ва барномаи рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ки дар он равишҳои муайянкунии афзалиятҳо ва самтҳои рушди соҳа инъикос ёфтаанд, ҳамчунин пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот аз маводи омории таҳиякардаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойгоҳи иттилоотию таҳлилии Вазорати кишоварзӣ, Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, маводи таҳлилии байналмилалӣ оид ба мушкилоти мавриди баррасӣ, маълумоти монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, таҳияҳои худӣ ва ҳисобҳои таҳлилии муаллиф, ки ба натиҷаҳои пурсишҳои иҷтимоии гузаронида дохил мешаванд, иборат мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Дар натиҷаҳои диссертатсионӣ ҳамчун асос- ҷанбаҳои назариявӣ ва усулии корҳои илмии классикони илми иқтисод, таҳқиқот ва пешниҳодҳои олимон-иқтисодшиносони соҳаи аграрии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию маълумотӣ ва маводи методӣ хизмат кардаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки ҷузъҳои навовариро дар бар мегиранд, дохил мешаванд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ тағйирот ворид намуда, тамоюлҳои объективӣ ва шароити номутобиқатии суръати рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ дар низоми КАС-и ҷумҳурӣ муайян карда шуданд;
- заминаҳои воқеии ташкилӣ-ҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асоснок карда шуда, низоми ташаккулёбии онҳо бо назардошти хусусиятҳои ҷумҳурӣ такмил дода шуданд. Дар ин ҷода сатҳи пасти имконияти харидории молистеҳсолкунандагони деҳот, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), нобаробарии нархҳо байни маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат, ки барои молистеҳсолкунандагони деҳот зараранд ва самаранокии иқтисодии хоҷагидориро дар шароити фаъолияти шаклҳои гуногуни моликият ва намудҳои хоҷагидорӣ ба сатҳи поён мефароранд, муайян карда шуданд;
- ҳолати воқеии ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ омухта шуда, тамоюли рушди он барои оянда нишон дода шуд ва муайян карда шуд, ки истеҳсолот бевосита дар он хоҷагиҳое ба роҳ

монда шавад, ки баланд бардоштани сифати хуб ва рақобатпазирии маҳсулотро дар шароити таъмини монополии нархи моли ба ҷумҳурӣ воридгардида таъмин карда тавонанд;

- модели ташаккули раёсати кишоварзии ноҳия бо назардошти тавъамкунонии босамари таркиб ва сохтори истеҳсолот, ки самаранокии иқтисодии онро дар шароити камзаминӣ, минтақаҳои захираҳои меҳнатиаш зиёд ва махсусиятҳои минтақавии ҷумҳурӣ таъмин мекунад, таҳия гардид;
- бо дар назардошти хусусиятҳои шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ механизми такмил додани хадамоти маркетингӣ кор карда баромада шуд ва фаъолияти нокифояи хадамоти логистикӣ ва маркетингӣ, ки ба самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ таъсири манфӣ мерасонанд, муайян карда шуд. Такмили механизмҳои хадамоти маркетингӣ бо ташкили босамари самтҳои асосии фаъолияти шабакаҳои савдо дар асоси намояндагӣ (корхонаҳо)-и маҳаллӣ бо назардошти талаботи бозор дар асоси сервисҳои логистикӣ, ки дар он корхона (харидор) вазифадоранд фурӯши онро бо мақсади таъмини фаъолияти босамари шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ таъмин созанд, таҳия гардиданд;
- дар асоси таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ низоми ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ омӯхта шуда, роҳҳои имконияти истифодаи онҳо дар таҷрибаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон нишон дода шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки асосҳои назариявӣ ва усулии таҳқиқотро ҳамчун тавсияҳои методӣ ҳангоми хондани курсҳои «Иқтисодиёти кишоварзӣ» ва «Ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС» ва инчунин дар мавриди таҳияи барномаву лоиҳаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ ва фаъолияти истеҳсоливу молиявии онҳо истифода кардан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва самаранокии иқтисодии онҳо дар шароити иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Равишҳои консептуалӣ оид ба таҳияи стратегияи рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ бо назардошти махсусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ аз бисёр ҷиҳат ба беҳбудии асосҳои муносибатҳои бозорӣ ва ба он мутобиқгардонии механизмҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад, ки ин самаранокии иқтисоди миллиро дар умум таъмин месозад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосноккунии илмии асосҳои илмию усулии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ;
- муайян кардани ҳолати имрӯзаи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сохтори иқтисоди аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани шароити пойгоҳӣ ва заминаҳои воқеии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ;
- ташаккули низомҳои муносибгардонии истеҳсолиро дар бар мегирад, ки таносубҳои муносиби захиравӣ ва рушди иқтидорҳои низомро таъмин месозанд;

- таҳқиқи такмили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ- асоси таъмини рушди устувори кишоварзӣ ;
- таҳияи модели баланд бардоштани самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар такя ба омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадам.

**Саҳми шахсии довталаб.** Нақшаи иҷрои кори илмӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он бо иштироки бевоситаи унвонҷу анҷом дода шуда, тавонист дар такмилдиҳии методикаи арзёбии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ саҳми худро гузорад ва тавсияҳои амалиро барои фаъолияти бомароми ин хоҷагиҳо таҳия намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба конфронсҳо ва семинарҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ пешниҳод шуда буданд ва баҳои мусбат гирифтанд.

Диссертатсия дар кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС- и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур анҷом дода шудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Дастурҳои назариявӣ ва хулосаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи супоришҳои ҳисоби хоҷагӣ, тартибдиҳии бизнес-нақшаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, иҷоравӣ ва нақшаҳои истеҳсолию молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар истифода қарор доранд. Қисматҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурда шуданд.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт буда, дорои 27 ҷадвал, 7 расм ва 4 диаграмма дар 157 саҳифаи матни компютерӣ мебошад.

## ТАРКИБИ АСОСИИ КОР

**Дар боби аввал** - «Асосҳои илмию усулии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ» номгузорӣ гардида, ҷанбаҳои назариявии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сектори аграрӣ, ташаккулёбии институтҳои ташкилию ҳуқуқии бозоргониро ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС ва нақшу ҷойи шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дар кишоварзӣ дар бар мегирад.

**Дар боби дуввум** - «Арзёбии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сектори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бар мегирад, ки дар бораи ҳолати муосири раванди ислоҳоти истеҳсолоти кишоварзӣ, таҳлили тарҷеҳии нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидории бозорӣ ва арзёбии шаклҳои гуногуни хоҷагидории фаъолияткунанда дар шароити бисёрукладӣ баррасӣ карда шудааст.

**Дар боби сеюм** - «Такмили механизми шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ҳамчун заминаи рушди устувори кишоварзӣ» мебошад. Дар он дурнамои рушди босуботи иқтисодиёт дар шаклҳои нави хоҷагидории сектори аграрӣ, мавқеъи маркетинг дар ташаккули механизми шаклҳои хоҷагидории бозорӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадам ҳамчун механизми тақвиятбахшии самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дар хулоса** ҷамъбасти кор баррасӣ карда шуда, пешниҳодҳо оид ба тақвият додани пойгоҳҳои ташкилию ҳуқуқии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ, амалисозии таъмини самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ вобаста ба шароити воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини рушди устувори сектори аграрии ҷумҳурӣ пешниҳод гардидаанд.

**Муқаррароти аввал, ки ба ҳимоя гузошта мешавад, аз асосҳои илмию усулии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ иборат буда, ҷанбаҳои назариявии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, пойгоҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва нақши шаклҳои хоҷагидории бозориро дар кишоварзӣ дар бар мегирад.**

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар ҳар як давру замон, яке аз масъалаҳои муҳим дар ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб меёфт ва меёбад. Ҳалли он аз омилҳои зиёд вобаста аст.

Барои равшан кардани ин масъала пеш аз ҳама бояд аниқ кард, ки дар асл моҳияти самара (эффект) ва самаранокӣ чист?

Самара ин калимаи лотинӣ буда, яке аз маъноҳояш натиҷаи ягон амал, раванд мебошад. Дар шакли самара (эффект) натиҷаи ниҳоӣ, ки дар он мақсади истеҳсолот амалӣ мегардад, баромад мекунад. Маҳз ин муносибати самара ба амал, яъне андозаи самара ба воҳиди таъсири самаранокӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтисоди бозорӣ дар муайянкунии маҳаки самаранокии иқтисодӣ баъзе тағйироти муҳим ворид сохт, яъне ҳар гуна корхонаҳои кишоварзӣ ба назар нагирифта наметавонад, ки истеҳсоли маҳсулот ба вай ба ивази чӣ ба даст омадааст ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти вай кадом аст.

Ҳамин тавр, гузариш ба муносибатҳои бозорӣ равишҳоро ба маҳаки самаранокии иқтисодӣ тағйир дод. Дар шароити имрӯза барои корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ асоси самаранокӣ фоида дониста мешавад.

Самаранокӣ (лотинии effectives)- и истеҳсолӣ, зери ин мафҳум аксаран маънои амалкард, натиҷанокии ин ё он чорабинӣ, истифодаи захираҳо ва монанди инҳо фаҳмида мешавад. Самаранокӣ бо фаъолияти мақсадноки инсон, яъне, бо дарк, фаҳмиш ва заҳмати ӯ алоқаманд аст.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодиро дар шакли гурӯҳҳои ба ҳам алоқаманд метавон тасаввур намуд: мутлақ ва нисбӣ. Нишондиҳандаҳои мутлақро барои таҳлили самаранокии иқтисодии корхонаи алоҳида дар ҷараён (динамика) ба кор мебаранд. Нишондиҳандаҳои нисбӣ бошанд, барои таҳлили муқоисавии чанд корхона истифода мешаванд. Миқдори умумии нишондиҳандаҳои даромаднокие, ки дар ҳисобкуниҳои

гуногун истифода мешаванд, хеле зиёданд. Аммо асоситарини онҳо инҳоянд (расми1):

| | | | |
|---|---|---|---|
| Даромаднокии истеҳсоли маҳсулот | 1 | $Дим = \frac{Фс}{Аа} * 100\%$ | **Фс** – фоидаи соф; **Аа**-арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ |
| Даромаднокии дороиҳои корхона | 2 | $Дк = \frac{Фс}{А} * 100\%$ | **А**- арзиши ҳамаи активҳои корхона |
| Даромаднокии фондҳои истеҳсолӣ | 3 | $Дфи = \frac{Фс}{ВА + ВГ} * 100\%$ | **ВА**-бузургии миёнаи воситаҳои асосӣ; **ВГ** – бузургии миёнаи воситаҳои гардон |
| Даромаднокии сармояи худӣ | 4 | $Дсх = \frac{Фс}{СХ} * 100\%$ | **СХ** – бузургии миёнаи сармояи худӣ |

**Расми 1. - Нишондиҳандаҳои даромаднокии истифодашаванда ҳангоми ҳисобкуниҳои гуногун**

Ҳамаи муодилаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки самаранокии иқтисодии истеҳсолот ин дараҷаи баланди натиҷаи истеҳсолӣ дар камтарин хароҷот мебошад. Ин онро собит месозад, ки фоида (натиҷаи асосии молиявӣ) ченаки асосии самаранокии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона ва нишондиҳандаи асосии он ба ҳисоб меравад.

Баъди ба даст овардани истиқлолият зарурати таҳияи қонун ва санадҳои қонунгузории нав ба миён омад, ки рушди мӯътадил, устувори хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин месозанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳоро қабул кард, ки пойгоҳи қонунгузории фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзиро таъмин месозанд. Яке аз қонунҳои асосӣ Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 13.12.1996, №326 қабул шудааст.

Баробари кодекси замин як қатор дигар қонунҳои муҳим қабул карда шуданд, ки инҳоянд: «Дар бораи ислоҳоти замин», (№594 аз 5 марти соли 1992); «Дар бораи азнавсозии корхона ва корхонаҳои кишоварзӣ» (№522 аз 25 июни соли 1996); «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои маҷмуаи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», (№ 241 аз 5 марти соли 2007); «Дар бораи ипотека», (№364 аз 20 марти соли 2008); «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», (аз 29 декабри соли 2010, № 671); «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» (аз 5 марти соли 1992); «Дар бораи хоҷагии шахсии ёрирасон», (№ 47 аз 8 декабри соли 2003); « Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», (№ 237аз 5 марти соли 2007); «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», (№ 671аз 29 декабри соли 2010); «Дар бораи кооперативҳо», (№ 991аз 22 июли соли 2013); «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) », (№ 1289 аз 15 марти соли 2016) ва монанди инҳо.

Тибқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 342 ва № 874 аз солҳои 1995 ва 1997 мутаносибан ба шаҳрвандони мамлакат 75 ҳазор гектар замини обӣ ба истифодаи хусусии шахсӣ пешниҳод шуд.

Дар кишоварзӣ сохторҳои иқтисодии шаклҳои гуногун фаъолият мекунанд (расми 2).




**Расми 2. - Таснифоти корхонаҳои кишоварзӣ***

***Таҳияи муаллиф**

Шаклҳои иҷоравии ташкили меҳнат ва истеҳсолот яке аз шаклҳои хоҷагидорӣ буда, таърихи куҳан дорад. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ иҷора метавонад нақши механизми дигаргунсозии моликиятро иҷро намояд .

**Хоҷагии шахсии ёрирасон** хоҷагиест, ки иҷрои кори он аз тарафи шаҳрванди алоҳида ё узви оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини талаботи худ ба маҳсулоти хӯрокворӣ ё ягон эҳтиёҷоти дигари рӯзгори худ анҷом дода мешавад.

**Хоҷагии деҳқонӣ** субъекти мустақили хоҷагӣ мебошад, ки фаъолияти ӯ ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи ашхос, ки дар пойгоҳи қитъаи замин ва моликияти дигар ҷамъ омадаанд, асос гирифтааст. Аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд волидон, ҳамсарон, фарзандон ва дигар ашхоси ба меҳнат лоиқ, ки ба меҳнати якҷоя дар ин хоҷагӣ машғуланд, бошанд.

**Кооперативи истеҳсолӣ** иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандон мебошад. Дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳсолӣ ё дигар фаъолияти хоҷагӣ, ки дар иштироки шахсӣ ё дигар намуди иштирок ва муттаҳидшавии аъзои он бо аъзоҳаққии ҳиссавии моликиятӣ асос меёбад. Кооператив

дар асоси қоидаи ихтиёрии аъзои он дар кооператив ташкил мешавад ва амал мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолият низоми барқароршудаи иқтисодиро танҳо метавон омехта номид, яъне иқтисодии миллии гуногунранг ва дар сохтори он кишоварзии нави гуногунсохт ҷойи асосиро ишғол менамояд.

Ба андешаи мо интихоб ва қобили қабул будани рушди шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ танҳо бо назардошти махсусиятҳои равонӣ, анъанаҳои миллӣ ва урфу одати халқ бояд амалӣ кунонида шавад. Таърихи рушди бисёр шаклҳои моликият далолат аз он мекунад, ки баъзеи онҳо сабабгори ҳам пешравӣ ва ҳам қафомонии тамаддунҳои пурра гаштаанд.

Моликияти давлатӣ чун мафҳуми ба халқ бештар маълум ва фаҳмо дарояндаи дур дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он ҳамчун муайянкунанда хоҳад монд.

Шубҳае нест, ки имрӯз бештари ҷомеаҳои илмӣ бар онанд, ки рушди шаклҳои гуногуни моликият, аз он ҷумла ғайридавлатӣ мафҳуми калидӣ дорад.

Моликияти инфиродӣ шакли нисбатан рушдёфтаи ташкили меҳнат ва истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Дар ин бобат таҷрибаи бисёр мамолик далолат мекунад. Аз ин рӯ, рушди моликияти шахсӣ дар ҷумҳурӣ бояд мавқеи муҳим, ҳуқуқҳои воқеии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ пайдо кунад.

Дар бораи масъалаи моликияти шахсӣ ба замин бошад, он осону оддӣ нест. Баъзе сиёсатмадороне, ки ҳақиқати зиндагиро хуб намедонанд, ин масъаларо оддӣ мешуморанд ва сатҳӣ арзёбӣ мекунанд.

Пеш аз ҳама он анъанаҳои таърихӣ ва он ҳақиқатро набояд фаромӯш кард, ки чанд насли одамон дар шароити шакли умумихалқии моликият ба замин зиндагӣ ва кор карданд. Моликияти хусусӣ ба замин бо назардошти махсусиятҳои табиию иқлимӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, ба назари мо шарти ҳатмии самаранокии баланди истеҳсолоти кишоварзӣ буда наметавонад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки қисми зиёди аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва бевосита ё бавосита аз кишоварзӣ вобастаанд, яъне 73%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот ва 27% дар шаҳр зиндагӣ мекунанд.Дар соли 2017 нисбати соли 2001 шумораи аҳолӣ 40% зиёд шудааст. Ин зиёдшавӣ ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот ба назар мерасад.

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи азнавсозии 568 хоҷагӣ дар ҷумҳурӣ 164631 хоҷагии деҳқонӣ ташкил карда шуданд. Миқдори зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Суғд мебошанд, ки 61591 воҳид мебошанд,ки нисбати соли 2016 - ум 3723 воҳид зиёд шудаанд. Ин нишондод дар ВМКБ – 15326 воҳид зиёд гардидааст. Дар ҳамин давра дар вилояти Хатлон - 390 воҳид ва дар НТҶ- 85 воҳид шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ кам шудааст.

**Муқаррароти дуввуми ба ҳимоя гузошташуда арзёбии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар сектори аграрии Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон мебошад, ки ба имконияти пасти харидории молистеҳсолкунандагони деҳот, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), нобаробарии нархҳо байни маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат нигаронида шудааст.**

Асосҳои ислоҳоти сектори аграрии иқтисод, чун тамоми хоҷагии халқ аз сиёсати ивази сохти ҷамъиятию иқтисодӣ, ғайридавлатӣ гардонидани корхонаҳои маҷмӯаи агросаноатӣ, хусусигардонии онҳо, озодгардонии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ баромадааст.

Номукаммалии муносибатҳои замин дар соҳаи аграрӣ, низоми сусти обёрӣ ба коҳиши ҳосилдиҳии замин ва бадшавии вазъи мелиоративии он, афзоиши заминҳои истифоданашаванда оварда расонд. Сифати пасти тухмӣ, болоравии нархи нуриҳо, сузишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба душворшавии вазъи соҳа оварда расонд.

Дар соли 2017 ба 1 гектар замини кишти зироатҳои кишоварзӣ 133.8 киллограм нуриҳои минералӣ ва поруҳои органикӣ 2.4 тоннаро ташкил додааст, ки ин хеле кам аст.

Пойгоҳи техникии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ яке аз омилҳои муҳими таъмин намудани самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ мебошад.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди техникаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои мамлакат тамоюли камшавӣ дошт; аз 37054 тракторҳои ҳамаи тамғаҳо дар соли 1991 ба 13015 адад трактор ва нақлёти боркаш аз 18307 адад ба 4177 адад дар соли 2011 омада расид. Дар ду соли охир тамоюли афзоиши пойгоҳи техникаи кишоварзӣ мушоҳида мегардад, ки он аз ҳисоби сектори хусусӣ, шартномаҳои лизингӣ, саҳҳомон ва грантҳо мебошад.

**Муқаррароти сеюми ба ҳимоя гузошташаванда, ин шароити пойгоҳӣ ва заминаҳои воқеии самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, асоснoккунонии ташаккулёбии онҳо бо назардошти хусусиятҳои ҷумҳурӣ мебошад.**

Қисми аз ҳама муҳими раванди банақшагирӣ ва ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ ин аз истифодаи оқилонаи замин, қувваи корӣ, захираҳои истеҳсолию молиявӣ вобаста буда, ҳамчунин таъмини таносубият ва ҳамкории байниҳамдигарии ҳамаи қисматҳои корхонаро талаб менамояд.

Майдони умумии замин дар ҷумҳурӣ дар соли 1991-ум 14254.5 ҳазор гектар буд ва дар солҳои охир 14137.7 ҳазор гектар мебошад. Дар ин баробар ин таҳлил ва баррасии аниқи таркиби ҳар як намуди майдони киштзорҳои кишоварзӣ низ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ шарти муҳиму зарурист.

Омӯзиш ва таҳқиқи таркиби майдони киштзорҳои кишоварзӣ имконият медиҳад, ки ташкили истеҳсолоти кишоварзиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян созем. Барои муайян кардани самаранокии иқтисодии шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзӣ нишондиҳандаи дигари муҳим, ин таркиби майдони киштзорҳои кишоварзӣ аз рӯйи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ мебошад.




**Диаграммаи 1.- Таркиби майдони киштзорҳои кишоварзӣ аз рӯйи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соли 2017(бо %)**

**Сарчашма**: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ- Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 221 – 264.

Агар истифодаи заминҳои киштзорҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи категорияҳои хоҷагӣ (диаграммаи 1) мавриди назар қарор диҳем, он гоҳ мушоҳида кардан мумкин аст, ки қисми асосии ин киштзор ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд - 65,5%, миқдори онҳо дар ҳоли ҳозир ба 164631 воҳид расид. Агар дар соли 1991-ум майдони киштзорҳои кишоварзӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ 98.25% бошад, ин рақам дар соли 2017 ба 27,6% баробар шудааст. Дар хоҷагиҳои аҳолӣ бошад дар ин давра майдони киштзорҳои кишоварзӣ аз 1.75% ба 6.9 % расидааст. Ин гувоҳи он аст, ки мавқеи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ беш гардидааст.

**Ҷадвали 1. - Саршумор аз рӯйи категорияҳои хоҷагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | % | 2016 | % | 2017 | % |
| **Ҷумҳурӣ** | | | | | | |
| **Чорвои калон** | 1390718 | 100 | 2278072 | 100 | 2317294 | 100 |
| **Бузу гӯсфанд** | 3354928 | 100 | 5456206 | 100 | 5581496 | 100 |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | |
| **Чорвои калон** | 514966 | 37,0 | 24843 | 1,1 | 23708 | 1,0 |
| **Бузу гӯсфанд** | 1557343 | 46,4 | 264051 | 4,8 | 256474 | 4,6 |
| **Хоҷагиҳои аҳолӣ** | | | | | | |
| **Чорвои калон** | 875752 | 63,0 | 2117073 | 92,9 | 2154858 | 93,0 |
| **Бузу гӯсфанд** | 1797585 | 53,6 | 4479994 | 82,1 | 4576143 | 82,0 |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | | | | | | |
| **Чорвои калон** | - | - | 136156 | 6,0 | 138728 | 6,0 |
| **Бузу гӯсфанд** | - | - | 712161 | 13,1 | 748879 | 13,4 |

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ- Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 140-217-277 ва ҳисобҳои муаллиф

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки саршумор сол аз сол афзуда истодааст. Саршумори чорвои калон дар соли 2017 нисбати соли 1991-ум 926576 сар, саршумори бузу гӯсфанд 2226568 сар зиёд шудааст. Саршумори чорвои калон ва бузу гӯсфанд дар корхонаҳои кишоварзӣ сол аз сол рӯ ба пастравӣ дорад. Қисми таркибии ҳам саршумори чорвои калон ва ҳам бузу гӯсфанд ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд, яъне 93.0% ва 82.0%. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад ин нишондиҳанда зиёд шуда истодааст, яъне аз 2.2 ва 4.1 %- и соли 2001 дар соли 2017 ба 6.0 ва 13.4% расидааст.

**Ҷадвали 2. - Таркиби истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагидории кишоварзии ҷумҳурӣ (бо тонна)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **%** | **2016** | **%** | **2017** | **%** |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | |
| Гандум | 149313 | 100 | 95558 | 10,4 | 79707 | 8,9 |
| Пахта | 819616 | 100 | 51339 | 18,0 | 61459 | 15,8 |
| Картошка | 105983 | 100 | 65464 | 7,2 | 57176 | 7,3 |
| Сабзавот | 322499 | 100 | 87973 | 5,0 | 80210 | 4,3 |
| Мевагӣ | 69764 | 100 | 18759 | 5,1 | 18089 | 4,5 |
| Гӯшт | 74035 | 49,1 | 3755 | 1,6 | 3717 | 1,5 |
| Шир | 280619 | 47,7 | 16151 | 1,7 | 16798 | 1,8 |
| Тухм (ҳазор дона) | 402620 | 88,6 | 173648 | 51,5 | 151283 | 44,3 |
| **Хоҷагиҳои аҳолӣ** | | | | | | |
| Гандум | | - | 242963 | 26,4 | 246961 | 27,5 |
| Пахта | | - | - | - | - | - |
| Картошка | - | - | 386316 | 43,0 | 295825 | 37,8 |
| Сабзавот | - | - | 832737 | 47,6 | 866969 | 46,6 |
| Мевагӣ | - | - | 192659 | 52,9 | 209030 | 51,6 |
| Гӯшти,(бо вазни зинда) | 76665 | 50,8 | 221412 | 94,8 | 236119 | 94,9 |
| Шир | 306581 | 52,2 | 867851 | 94,5 | 897337 | 94,5 |
| Тухм (ҳазор дона) | 51680 | 11,3 | 155761 | 46,1 | 178811 | 52,4 |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | | | | | | |
| Гандум | - | - | 578560 | 63,0 | 572984 | 63,7 |
| Пахта | - | - | 233369 | 81,9 | 328190 | 84,2 |
| Картошка | - | - | 446336 | 49,6 | 429890 | 54,9 |
| Сабзавот | - | - | 827572 | 47,3 | 911906 | 49,1 |
| Мевагӣ | - | - | 152643 | 41,9 | 177915 | 43,9 |
| Гӯшт, (бо вазни зинда) | - | - | 8162 | 3,4 | 8933 | 3,6 |
| Шир | - | - | 33987 | 3,7 | 35837 | 3,8 |
| Тухм (ҳазор дона) | - | - | 7744 | 2,2 | 11307 | 3,3 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 42-45; 140-277 ва ҳисобҳои муаллиф

Маълумотҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 2017 қисми бештари маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсол гардидааст. Ба ин хоҷагиҳо истеҳсоли гандум - 63,7%, истеҳсоли пахта- 84.2%, истеҳсоли картошка - 54.9%, истеҳсоли сабзавот - 49.1% ва истеҳсоли мевагиҳо - 43.9% рост меояд. Ба хоҷагиҳои аҳолӣ бошад, истеҳсоли гандум - 27.5%, истеҳсоли картошка - 37.8%, истеҳсоли сабзавот - 46.6% ва истеҳсоли мевагиҳо - 51.6% рост меояд. Дар ин ҳоҷагиҳо истеҳсоли пахта умуман нест. Қисми ками истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ ба ҷо оварда шудааст, ки истеҳсоли гандум - 8.9%, истеҳсоли пахта- 15.8%, истеҳсоли картошка - 7.3%, истеҳсоли сабзавот - 4.3% ва истеҳсоли мевагиҳо - 4.5%- ро ташкил додаасту халос. Гарчанде ки ин нишондодҳо дар соли 1991-ум ба 100% баробаранд. Дар корхонаҳои кишоварзӣ қисми бештари маҳсулоте, ки истехсол шудааст, ин истеҳсоли пахта - 15.8% ва истеҳсоли тухм – 44.3% мебошад. Истеҳсоли қисми бештари маҳсулоти соҳаи чорводорӣ бошад, ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд, яъне истеҳсоли гӯшт - 94.9%, истеҳсоли шир-94.5% ва истеҳсоли тухм - 52.4%- ро ташкил додааст.

Ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар соли 2017 нисбати соли 2001 зиёд шудааст. Ҳосилнокии гандум аз ҳама бештар дар хоҷагиҳои аҳолӣ мебошад, ки нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 7.4 сент./га ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 2.9 сент./га зиёд мебошад. Ҳосилнокии пахта низ бештар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад, ки нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 0.1 сент./га зиёд буда, дар хоҷагиҳои аҳолӣ нест.

Ҳосилнокии зиёди картошка дар корхонаҳои кишоварзӣ нисбати хоҷагиҳои аҳолӣ 57.3 сент./га ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 11 сент./га, аз сабзавот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 20.2 сент./га ва хоҷагиҳои аҳолӣ 18.8 сент./га, аз полезиҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ, нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 77.6 сент./га ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 19.2 сент./га, аз мевагиҳо бошад, дар хоҷагиҳои аҳолӣ нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 50.7 сент./га ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 19.2 сент./га дар соли 2017 мебошад. Маҳсулнокии чорво дар корхонаҳои кишоварзӣ зиёд мебошад. Истеҳсоли шир аз 1 сар гови ҷӯшоӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ нисбати хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ин давра 1174 кг ва тухм аз 1 мурғ 99 дона зиёд буда, истеҳсоли асал аз 1 оила занбӯр дар хоҷагиҳои аҳолӣ зиёд мебошад, ки нисбати корхонаҳои кишоварзӣ 10.3 кг ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 0.2 кг- ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои қиёсии соли 2016), млн сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2001 | 2011 | 2016 | 2017 | Бо фоиз | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1991 | 2017 |
| **Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **12986.1** | **10449.7** | **16548.6** | **23008.2** | **24576.0** | **100** | **100** |
| растанипарварӣ | 8448.0 | 8500.6 | 11773.8 | 15813.9 | 16977.8 | 65 | 69 |
| чорводорӣ | 4538.1 | 1949.1 | 4774.8 | 7194.2 | 7598.2 | 35 | 31 |
| **Корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамагӣ, аз он:** | **549.9** | **3864.1** | **1094.1** | **1222.5** | **1187.4** | **4.2** | **4.8** |
| растанипарварӣ | 413.1 | 3705.2 | 908.8 | 1034.6 | 1012.2 | 3.2 | 4.0 |
| чорводорӣ | 136.8 | 158.9 | 185.3 | 187.9 | 175.2 | 1.0 | 0.8 |
| **Хоҷагиҳои аҳолӣ, ҳамагӣ, аз он:** | **12436.2** | **5187.2** | **10821.4** | **13794.4** | **14426.6** | **95.8** | **58.7** |
| растанипарварӣ | 8034.9 | 3424.1 | 6390.3 | 7007.1 | 7243.4 | 61.8 | 29.5 |
| чорводорӣ | 4401.3 | 1763.1 | 4431.1 | 6787.3 | 7183.2 | 34.0 | 29.2 |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳамагӣ, аз он:** | **-** | **1398.3** | **4632.9** | **7991.3** | **8962.0** | **-** | **36.5** |
| растанипарварӣ | - | 1371.3 | 4474.7 | 7772.2 | 8722.2 | - | 35.5 |
| чорводорӣ | - | 270.0 | 158.2 | 219.1 | 239.8 | - | 1.0 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 16 ва ҳисобҳои муаллиф

Таҳлили ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки он дар соли 2017 - 24576.0 млн. сомониро ташкил додааст, аз он ҷумла растанипарварӣ 69% ва чорводорӣ 31% будааст. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2017 ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ 4.8%, хоҷагиҳои деҳқонӣ 36.5% ва хоҷагиҳои аҳолӣ 58.7%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда, хушбахтона сол аз сол меафзояд. Сатҳи камбизоатии мардум дар ин сол (2018) то 29.5% паст фаромад.

**Муқаррароти чоруме, ки ба ҳимоя гузошта мешавад, ташаккули низомҳои муносибгардонии истеҳсолиро дар бар мегирад, ки таносубҳои муносиби захиравӣ ва рушди иқтидорҳои низомро таъмин месозанд, Ин имкон медиҳад, ки барои ба нуқтаи баландтарин расидани самаранокии иқтисодии фаъолияти низомҳо имкониятҳои объективӣ фароҳам оварда шаванд.**

Ташкил кардани корхонаи ба таври самаранок амалкунанда танҳо бо роҳу равиши дурусти ташкили истеҳсолот имконпазир аст. Ин масъала аз он вобаста аст, ки нахуст бояд захираҳои дар ихтиёри корхона бударо бояд дуруст баҳогузорӣ намуд, баъди он дар бораи самтҳои асосии истеҳсолот ва интихоби шакли ҳуқуқии мавҷудияти корхона бояд қарор қабул кард.

Чӣ тавре, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, бунёди чизи нав, яъне иқтисоди босамари аграрӣ ба таври яклаҳзаина, роҳи инқилобӣ анҷом дода намешавад. Бунёди кишоварзии нав ин раванди

дурударози воқеӣ, азнавсозии оқилона ва рушди ҳамаи истеҳсолоти агросаноатӣ, пеш аз ҳама ҷойгиронӣ, рушд, истифодаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар деҳот тибқи шаклҳои нави меҳнат ва истеҳсолот мебошад.




**Диаграммаи 2. - Майдонҳои чарогоҳ ва саршумори бузу гӯсфанд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2017**

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 221 – 224

Диаграммаи 2-ро таҳлил карда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таносуби майдони чарогоҳ ва саршумори чорво аз рӯйи минтақаҳо дар ҷумҳурӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва танҳо дар вилояти Хатлон ва НТҶ ин нишондиҳандаҳо қариб дар мувозинаанд. Ҳамин тавр агар майдони чарогоҳ дар ин вилоятҳо ба 39,4% ва 26,4% баробар бошад, он гоҳ саршумори бузу гӯсфанд ҳам мутобиқан 40,5% ва 25,1%-ро ташкил медиҳад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ дар хоҷагиҳо ба вуҷуд овардани маҳсулоти сифаташ беҳтарин дар як вақт бо баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва зиёд кардани истеҳсоли он ба ҳисоби воҳиди майдони замин рӯй медиҳад. Инро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки дар бештари ҳолатҳо рушди ҳосилнокии меҳнат ва баланд шудани сифати маҳсулоти кишоварзӣ бо таъсири омилҳо муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 4. -Таҳлили омилии фоида аз фурӯши пахта дар хоҷагии деҳқонии «Баҳористон»-и ноҳияи Мастчоҳ дар солҳои 2016 – 2017**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|---|
| | | **2016** | **2017** |
| 1 | Ҳаҷми фурӯши маҳсулот, сентнер (ҲФМ) | 2754,8 | 2856 |
| 2 | Нархи фурӯш, сомонӣ (Н) | 500 | 530 |
| 3 | Арзиши аслии маҳсулот, сомонӣ (Аа) | 315 | 348 |
| 4 | Фоида, сомонӣ (Ф) | 509638 | 519792 |

**Сарчашма:** Ҳисоботи солонаи хоҷагии деҳқонии "Баҳористон"-и ноҳияи Мастчоҳ барои солҳои 2016 – 2017 ва ҳисобҳои муаллиф

Дар асоси далелҳои ҷадвали 4 бо истифодаи усули гузориши занҷиравӣ, пеш аз ҳама даромад муайян карда мешавад, баъди ин аз рӯйи тартиб таъсири омилҳо ба тағйирёбии даромад муайян карда хоҳад шуд:

Ф0 = ҲФМ0 х (Н0 - Аа0) = 2754,8 х (500 – 315) =509638 сомонӣ

Фшартӣ1 = ҲМФ 1 х (Н0 - Аа 0) = 2856 х (500 – 315) =528360 сомонӣ

Фшартӣ 2 = ҲМФ 1 х (Н1 - Аа 0) = 2856 х (530 – 315) = 614040 сомонӣ

Фшартӣ 1 = ҲМФ 1 х (Н1 - Аа 1) = 2856 х (530 – 348) = 519792 сомонӣ

Баъди муайян кардани нишондиҳандаҳои даромадҳо тағйироти даромадҳо аз ҳисоби омилҳо тавассути формулаи дар зер овардашуда аниқ карда мешаванд:

ΔФумумӣ= Ф1 - Ф0 = 519792 – 509638 = 10154 сомонӣ (1).

Сипас, таъсири омилҳо ба тағйирёбии даромад бо ёрии формулаҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

1.Тағйирёбии ҳаҷми фоида аз ҳисоби ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда (ҲМФ):

Δ Ф ҳмф = Фшартӣ1 – Ф о = 528360 – 509638 =18722 сомонӣ; (2).

2. Тағйирёбии ҳаҷми фоида аз ҳисоби нархи маҳсулоти фурӯхташуда (Н):

Δ Фн= Фшартӣ 2- Фшартӣ1 = 614040 – 528360 = 85680 сомонӣ; (3).

3. Тағйирёбии ҳаҷми фоида аз ҳисоби арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда (Аа):

Δ Фаа= Ф1 – Фшартӣ2 = 519792 – 614040 = - 94248 сомонӣ; (1).

Сипас, баъди муайян кардани таъсири омилҳои гуногун ба тағйирёбии ҳаҷми фоида, дар асоси формулаҳои минбаъда тағйирёбии фоидаи умумии мутлақ дар он давра ҳисоб карда мешавад:

Δ∑Ф = Δ Фхфм + Δ Фн+ Δ Фаа = (18722 + 85680) – 94248 =10154 сомонӣ

Ҳамин тариқ, таҳлили гузарондашуда далели он аст, ки дар давраи таҳлилӣ дар хоҷагии деҳқонии «Баҳористон»-и ноҳияи Мастчоҳ афзоиши фоида аз ҳисоби фурӯши пахта 10154 сомониро ташкил додааст. Дар ин давра афзоиши фоида асосан аз ҳисоби фурӯши маҳсулот 18722 сомониро ташкил додааст, аз ҳисоби нархи фурӯши маҳсулот ба 85680 сомонӣ баробар аст. Дар баробари ин, ки баъзе нишондиҳандаҳо ба натиҷаҳо таъсири мусбӣ расонидаанд, дар як ҳолат нишондиҳандаҳое низ мушоҳида мешаванд, ки таъсири манфӣ доранд. Чунончи аз ҳисоби афзоиши арзиши аслии маҳсулот дар ин давра хоҷагӣ ба андозаи 94248 сомонӣ зарар дидааст.

Бешак, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин ва мушкилоти дигар таҳқиқоти навро мехоҳанд. Ҳамчунин муҳим аст, ки рақамҳо оид ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, сектори шахсӣ, сектори сайёдӣ, моҳигирӣ, занбӯрпарварӣ, ҷамъоварии растаниҳои шифобахш, решаҳо, меваҳо, занбӯруғ ва ғайра истеҳсолшуда низ ба назар гирифта шаванд. Маҳз ба ин сабаб бояд давраи дурударози мутобиқшавии ин сохтору усулҳоро интизор шуд.

**Муқаррароти панҷуми ба ҳимоя гузошташуда аз такмили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ- асоси таъмини рушди устувори кишоварзӣ иборат буда, ҳолати қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва дар ин асос муайян намудани дурнамои зиёд намудани ҳаҷми**

**маҳсулотҳои асосии растанипарварӣ ва чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.**

Асосноккунии нишондиҳандаҳои ояндадор ва чорабиниҳо оид ба дастрасӣ ба онҳо ҳуқуқи имтиёзии низоми банақшагирӣ мебошад.

**Ҷадвали 5. - Ҳолати қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2017 (ҳаз. тонна.)**

| Нишондиҳандаҳо | Меъёр кг. | Истеҳсол дар соли 2017 | Талабот аз рӯйи меъёр | Фарқияти истеҳсол нисбати талабот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мутлақ | нисбӣ |
| Ғалла | **147.7** | 899.6 | 1320.0 | - 420.4 | 68.0 |
| Картошка | **92.0** | 782.9 | 821.7 | - 38.8 | 95.3 |
| Сабзавот ва полезиҳо | **166.1** | 1859.1 | 1483.5 | 375.6 | 125.3 |
| Мевагиҳо | **166.3** | 405.0 | 1485.2 | - 1080.2 | 27.3 |
| Гӯшт (тоза) | **40.8** | 248.7 | 364.4 | - 115.7 | 68.2 |
| Шир | **115.3** | 949.9 | 1030.0 | - 80.0 | 92.2 |
| тухм, (ҳазор дона) | **180** | 341.4 | 1607.0 | - 1265.6 | 21.2 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 140-277 ва ҳисобҳои муаллиф

Маълумотҳои расмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки талабот аз рӯйи меъёр ба ҳар сари аҳолии ҷумҳурӣ танҳо бо сабзавот ва полезиҳо қонеъкунанда мебошад, яъне 125.3% баробар аст. Истеҳсоли дигар намуди маҳсулотҳои асосӣ ба монанди ғалла 32%, картошка 4.7 %, мевагиҳо 72.7 %, гӯшт 31.8 %, шир 7.8 % ва тухм 78.8 % нисбати талаботи соли 2018 кам мебошад. Зиёд намудани ҳаҷми маҳсулотҳои асосии растанипарварӣ дар ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби зиёд кардани ҳосилнокӣ имконпазир аст, зеро ҷумҳурӣ камзамин мебошад.

**Ҷадвали 6. - Дурнамои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулотҳои асосии растанипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2023.**

| Нишонди-ҳандаҳо | Майдони кишт, га | | Ҳосилнокӣ, с/га | | Ҷамъоварии умумӣ | | Фарқияти ҷамъоварии умумӣ , с/га | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳақиқӣ | шартӣ | ҳақиқӣ | шартӣ | ҳақиқӣ | шартӣ | умумӣ | аз он ҷумла аз ҳисоби: | |
| | | | | | | | | майдони кишт | ҳосил нокӣ |
| Гандум | 285,9 | 350,0 | 31.5 | 42.2 | 899.6 | 1477.0 | 577.4 | 202.9 | 374.5 |
| Картошка | 40.9 | 40.9 | 191.5 | 225 | 782.9 | 920.0 | 137.1 | 0 | 137.1 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 59.7 | 70.0 | 256.0 | 300 | 1859.1 | 1661.0 | - | - | - |
| Мевагиҳо | 96.2 | 150,0 | 42.1 | 110 | 405.0 | 1663.0 | 1258.0 | 225 | 1033 |

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 42-45; 140-277 ва ҳисобҳои муаллиф

Аз маълумотҳои ҷадвали 6 бармеояд, ки барои таъмини аҳолӣ 577.4 ҳазор тонна гандум, 137.1 ҳазор тонна картошка ва 1258.0 тонна мевагиҳо намерасад. Барои ноил гаштан ба таъмини аҳолии кишвар мувофиқи

нақшаи дурнамо мо аз ҳисоби зиёд намудани майдони кишт 202.9 ҳазор тонна гандум ва аз ин ҳисоб 225 ҳазор тонна мевагӣ истеҳсол намоем. Дар дурнамо истеҳсоли 374.5 ҳазор тонна гандум, 137.1 ҳазор тонна картошка ва 1033 ҳазор тонна мевагиҳо аз ҳисоби ҳосилнокӣ муайян гардидааст.

Барои зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти чорводорӣ, зиёд кардани саршумори чорво нақши калидӣ дорад. Моро зарур аст, ки бештар ба хушзоткунии чорво диққати аввалиндараҷа дода, маҳсулнокии чорворо аз ин ҳисоб зиёд намоем. Дар вақти таҳияи дурнамои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулотҳои асосии чорводорӣ мо ба ин такя намудем. Вале зиёд кардани истеҳсоли тухм бе зиёд кардани саршумори мурғ ғайриимкон аст, зеро истеҳсоли он хеле ҳам кам аст.

